# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи «Поэтикаи достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ», барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Мавзуи **“Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ”** масъалаест мубрам ва аҳамиятнок, зеро он то кунун ба таври фарогир ва густурда пажуҳиш нагардидааст. Ҳадаф ва вазифаҳои асосии масоили таҳқиқшаванда, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқ ва аҳаммияти назариявию амалии он, инчунин, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳою натиҷагириҳои муаллиф саҳм ва нуктаи назари ӯро нисбат ба мавзуи таҳқиқшаванда инъикос мекунанд.

Таҳлилу баррасии достонҳои “Ҳафт авранг”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, махсусан, достони «Юсуф ва Зулайхо» - и ӯ, ки яке аз қиссаҳои машҳур ва дилрабову масарратбахш дар адабиёт маҳсуб мешавад, аз амалҳои шоиста аст.

Диссертатсияи Ширинова Б.Б. аз муқаддима, се боб ва хулосаву китобнома фароҳам омада, унвонҷӯй дар муқаддима масъалаҳои назарии таҳқиқро бо як низоми муайян ва талаботи диссертатсияҳо нигоштааст. Мубрамияти мавзуъ, вазифаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва амалии таҳқиқ, нававарӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ғайра мушаххас ва муназзам баррасӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия “Достонсароӣ дар асри XV” ном дошта, аз се фасл фароҳам омадааст, ки масъалаҳои маснавигӯйӣ дар асри XV, мавқеи маснавиҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ дар ин давра ва ҷомишиносӣ дар Тоҷикистонро фаро гирифтааст ва масъалаҳои мавриди назар дар ин боб хуб таҳлил ва баррасӣ шудаанд.

Боби дувуми диссертатсия “Таҳқиқи сарчашмаҳо, нусхашиносӣ ва симоҳои достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ” ном

гирифтааст. Дар боби мазкур унвонҷӯй масъалаҳои сарчашмаҳои асосии достон, нусхашиносӣ ва шарҳнигорӣ ба достон, таҳлили образҳои асар ва ҷойгоҳи фоҷиаро дар достон ба таҳқиқи ҷиддӣ гирифтааст. Баъд аз таҳқиқи сарчашмаҳо унвонҷӯй нусхаҳои мавҷуди достони “Юсуф ва Зулайхо”-ро, ки дар китобхонаҳои олам нигаҳдорӣ мешаванд, бозгӯй кардааст, ки аз амалҳои шоиста аст. Минбаъд образҳои достонро ба таҳлил гирифта, масъалаи ҷойгоҳи фоҷиаро, ки дар достон басомади зиёд дорад, ба таҳқиқ гирифтааст ва фоҷиаҳои достонро фоҷиаҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ меномад.

Боби сеюми диссертатсия “Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ” унвонгузорӣ шудааст ва аз бобҳои меҳварии диссертатсия буда, дар ин боб унвонҷӯй масъалаҳои марбут ба поэтикаи достонро ба таҳқиқ гирифтааст. Аввал, масъалаи сохти композитсионии достон, баъд ҷойгоҳи унсурҳои мусиқӣ, тасвири унсурҳои табиат, унсурҳои мунозира, мавқеи хоб ва руъё дар достон, афкори адабии шоир дар достон, ҳунари шоир дар маъниофаринӣ ва тасвирсозӣ, мавқеи санъатҳои бадеӣ дар достон, паёмҳои ахлоқии шоир ва забону сабки эҷоди достон дар ҳамбастагӣ бо овардани мисолҳои зиёд таҳлилу баррасӣ гардидаанд, ки дар якҷоягӣ фазои поэтикии достонро нишон медиҳанд.

Ба як маънӣ, дар диссертатсияи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна “Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ҳамаи масъалаҳо ва ҳадафҳои дар назди худ гузоштаи унвонҷӯй ба шеваи хуби илмӣ ва забони равон таҳлил ва ҷамъбаст гардидаанд. Хулосаи диссертант аз таҳқиқи мавзуъ дар даҳ банд ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар ҳашт банди мушаххас баён гардидаанд, ки моҳияти бобҳову фаслҳои онро комилан дуруст ифода карда метавонад. Муаллиф аз сарчашмаҳои зиёд ва адабиёти илмии марбут ба мавзуъ, нусхаҳои дар солҳои гуногун бачопрасидаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Ҷомӣ, маводи маҷаллаҳои илмӣ, феҳристҳо ва фарҳангҳо ба хубӣ истифода кардааст, ки ин нуктаҳо аз баҳсҳо ва радду бадали андешаҳо ба

хубӣ муайян мегардад. Тартиби феҳристи адабиёти диссертатсия ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

– Мақолаҳои нашрнамудаи муаллифи диссертатсия дар маҷмуъ, муҳтавои диссертатсияро ифода карда метавонанд.

Новобаста аз муваффақиятҳо баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, киислоҳи онҳоро зарур медонем:

1. Дар диссертатсия тарзи навишти баъзе сарчашмаҳо ислоҳ мехоҳад.

2. Ба андешаи мо, хулосаи боби якум ва сеюми таҳқиқот ба бознигарӣ ниёз дорад.

Аз муҳтавои фишурда бармеояд, ки рисолаи Ширинова Бахтинисо Баҳридиновна дар мавзуи “Поэтикаи достони “Юсуф ва Зулайхо”-и Абдурраҳмони Ҷомӣ” ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, таҳлили комили илмӣ маҳсуб ёфта, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

Номзади илми филология,
дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ
ва ҳуҷҷатнигории Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарипов
Шариф Раҳмонович

Имзои Ш.Шариповро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б.

Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33.
Тел: (+992 92 757 32 28)
E-mail: ssssharif@mail.ru
28.08.2023